Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Негматов Баҳодур Сафарович бешубҳа мубрам буда, он ҷавобгуи шароити кунунии рушди ҷомеа мебошад. Солҳои охир дар Тоҷикистон ба масъалаҳои тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Дар ҳамин замина, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари дигар падидаҳо, падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро дар меъёри алоҳида муқаррар намудааст.

Автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳкикот, инчунин, феҳристи интишороти илмии довталаби дарачаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия иборат буда, дар шакли матн пешниҳод гардидааст.

Болоравии сатҳи ҷинояткорӣ дар мамлакат ба баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ дар мӯҳлатҳои оқилона таъсири худро расонида, боиси ворид гардидани миқдори зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ ба судҳои салоҳияти умумидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст, ки ба афзун гардидани сарбории судяҳо оварда мерасонад. Ин ҳолат ба таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ низ бе таъсир намемонад. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи самаранок истифода намудани мӯҳлатҳои мурофиавӣ ва кам намудани сарбории судяҳо ин ба низоми мурофиаи ҷиноятӣ ворид намудани тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ба ҳисоб меравад. Падидаи мазкур имконият медиҳад, ки қувва ва воситаҳои мурофиавӣ оқилона тақсим ва ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ба таври дахлдор таъмин гардад. Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида гуфтан мумкин аст, ки Негматов

Баҳодур Сафарович яке аз масъалаҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятиро мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст.

Мавзуи мазкур дар шароити муосири рушди давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятиро талаб мекунад. Қайд кардан ба марид аст, ки то имрӯз аз ҷонибиолимони ватанӣ падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ҳамаҷониба таҳқиқ карда нашудааст ва ин аввалин таҳқиқоти маҷмуии падидаи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» ба ҳисоб меравад.

Дар автореферат аз ҷониби муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омузиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар таҳқиқот пешниҳод намудааст, навгонии илмӣ эътироф мегарданд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки автореферати тақризшаванда мазмуни диссертатсияро ба таври зарурӣ инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, сазовори баҳои мусбӣ мебошад.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки норавшан ва баҳснок мебошанд.

Дар автореферат масъалаи пайдоиш ва рушди падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Диссертант масъалаи мазкурро дар доираи якчанд низоми ҳуқуқӣ (низоми ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва ғ.) матраҳ намудааст, ки хело васеъ ва гуногунҷабҳа мебошад. Ба фикри мо, ин масъаларо муаллиф ба таври васеъ баррасӣ намудааст. Хуб мешуд, ки таърихи пайдоиши ин падида аз замони Иттиҳоди Шуравӣ ва замони истиқлолият дар параграфи мазкур мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Негматов Баҳодур Сафарович ҳангоми

навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» қобилияти баланди эҷодкор нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳукуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуки ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобоҷонзода И.Ҳ.

имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Шозедов Х.Н.
07.12.2023

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Моб: (+992 93) 510-77-11, (+992 90) 789-11-70
Email: bobojonov_i@mail.ru